# Ҷашни фархундаи олими мумтоз

Номи олими мумтоз, адабиётшинос Ботурхон Валихоҷаев ба хонандагони «Овози тоҷик» низ хеле шиносу мӯътабар аст. Ӯро тавассути мақолаҳои пурарзиши илмиву оммавияш, ки дар саҳифаҳои рӯзнома аз солҳои 50 - уми асри гузашта чоп мешавад, ба хубӣ медонанду мешиносанд.

Имрӯзҳо аҳли илму адаби Самарқанд ҷашни фархунда доранд. Ҷашнвора ба муносибати 70 - солагии зодрӯзи ана ҳамин шахси мӯътабар - адабиётшиноси мумтоз, доктори илми филология, профессори Донишгоҳи Давлатии Самарқанд, Академики фарҳангистони улуми Ӯзбекистон, Арбоби шоистаи илми Ӯзбекистон, Узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Ботурхон Хилъатпури Валихоҷа — Ботурхон Валихоҷаев.

Он рӯз толори маҷлисгоҳи калони донишгоҳ, ки беш аз ҳазор нафар ҷой дорад, гунҷоиш надошт: аҳли илму фарҳанг аз шаҳрҳои гуногуни Ӯзбекистон, ҳамкорон ва шогирдони сершумори устод баҳри муборакбодии ӯ ин ҷо омада буданд.

Дар ибтидо ректори Донишгоҳ, намояндаи халқи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, профессор Рустам Холмуродов муборакбодии вазири таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ӯзбекистонро ба унвони соҳибҷашн қироат карда, ёдовар шуд, ки Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов дар яке аз баромадҳояш номи Ботурхон Валихоҷаевро бо эҳтиром ба забон гирифтааст.

Сонӣ яке аз ҳамкорони деринаи соҳибҷашн, устдоди донишгоҳ, профессор Саъдулло Мирзоев суханронӣ карда, оиди роҳи ҳаётӣ ва фаъолияти пурбаракоти илмӣ - эҷодии Ботурхон Валихоҷаев маърӯзаи ҷолиби диққат намуд.

Номбурда иброз дошт, ки соҳибҷашн ҳанӯз аз ибтидои солҳои 50 - уми асри гузашта — овони донишҷӯӣ ба майдони илм қадам гузошта, бо нахустин мақолаҳои худ оиди таърихи адабиёти мумтози Шарқ, бахусус эҷодиёти Алишер Навоӣ ва ҳамасрони ӯ диққати олимонро ба худ кашида, баъди бо дипломи имтиёзнок хатм кардани факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар аспирантураи ин ҷо таҳсил намуда, таҳти роҳбарии аллома Воҳид Абдуллои самарқанд аз таърихи адабиёт ва накди адабӣ дарс мегӯяд ва бештарин маърӯзаҳои ӯ дар шакли китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ гаштаву баргашта нашр гардиаанд ва қимати баланди илмиву маърифатӣ доранд.

андӣ рисолаи номзадӣ ҳимоя кард. Дере нагузашта, соли 1968 дар мавзӯи «Аз таърихи тараққиёти назми эпикии ӯзбек» рисолаи докторӣ ҳимоя намуд, ки ба ин тадқиқоти ӯ олимони намоёни Шарқу Ғарб баҳои калон додаанд. Минбаъд ҳам вай бо тадқику таҳлили асарҳои адибон ва адабиётшиносони мумтози форсу тоҷик ва ӯзбек пайваста машғул гардида, даҳҳо рисолаҳои илмиро аз қабили «Мирӣ ва муосирони ӯ», «Эҷоди Навоӣ - манбаи илҳом», «Аз таърихи адабиётшиносии ӯзбек», «Хоҷа Аҳрори Валӣ», «Маликкул калом Мавлоно Лутфӣ», «Шеърияти Султон Ҳусайн Бойқаро - Ҳусейн», «Мадрасаҳои замони Мирзо Улуғбек» ва ғайра манзури аҳли илму адаб гардонид, ки онҳо тавассути нашриётҳои соҳибэътибори Тошканд, Душанбе, Теҳрон, Самарқанд ба дасти чоп расиданд. Садҳо мақолаҳои илмӣ ва илмӣ - оммавии донишманди мӯҳтарам дар маҷаллаву рӯзномаҳои ватаниву хориҷӣ нашр шуда, шӯҳрати олимро афзудаанд.

Пайваста бо тадқиқотҳои илмӣ устод Ботурхон Валихоҷаев беш аз 45 сол аст, ки дар Донишгоҳи Давлатии Самарқанд аз таърихи адабиёт ва накди адабӣ дарс мегӯяд ва бештарин маърӯзаҳои ӯ дар шакли китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олии ҷумҳурӣ гаштаву баргашта нашр гардиаанд ва қимати баланди илмиву маърифатӣ доранд.

Баробари олимӣ ва устодӣ академик Ботурхон Валихоҷаев қобилияти баланди роҳбарӣ ва ташкилотчигӣ дорад. Вай солиёни зиёд сарвари факултети филологияи ӯзбек ва тоҷик буд, беш аз даҳ сол мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, чанд муддат ҷонишини аввали ректори донишгоҳ оид ба маърифат ва маънавият буд. Вай аз соли 1985 то алҳол мудири кафедраи адабиёти мумтози ӯзбек буда, дар ин ҷода анъанаҳои устодон Садриддин Айнӣ ва Воҳид Абдуллоро бомуваффақият идома медиҳад...

Баъд мавҷи табрикот ба унвони соҳибҷашн забона зад.

Ҳокими шаҳри Самарқанд Зариф Пӯлодов, иҷрокунандаи вазифаи ҳокими ноҳияи Сиёб Фурқат Ҷалолов, ректори Донишкадаи забонҳои хориҷии Самарқанд, профессор Юсуф Абдуллоев, ректори Донишкадаи омӯзгории шаҳри Ангрен, профессор Ҳасан Қудратуллоев, мудири кафедри адабиёти мумтози ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Бухоро Раҳим Воҳидов ва дигарон паи ҳам ба минбар баромада, оиди фазилатҳои инсониву донишмадии устод суханҳои нотакроре гуфтанд.

Бале. Он рӯз Самарқанд тӯй дошт. Тӯйи илму адаб. Бори дигар ифтихори сайқали рӯи замин будани ин донишманди беҳамто ва инсони комил маълуму машҳури ҳамагон гардид. Гарчи устод соҳиби чандин унвону дараҷаҳо, нишону мукофотҳо мебошад, лекин мукофоти олитарин барои ӯ эъзозу эҳтироми хурду калон, хосу авом нисбати ин марди шарифу инсони асили Самарқанд аст.

Ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки дар ҳаққи чунин донишмандон гуфтааст:

**Илмат ба амал чу ёр гардад,**
**Қадри ту яке ҳазор гардад!**

Ҳамеша сиҳҳату бардам ва соҳибқадр бошед, устод!

**Аслиддин Қамарзода,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

# Турфа олам

## Рӯбоҳҳои «ҷинояткор»

Дар шаҳри Энсони шоҳигарии Суррейи Англия кормандони полиса тавассути расонаҳои ахбори оммавӣ пайваста хабар медиҳанд, ки дар роҳ эҳтиёт гаштан кори зарур аст. Чунки нобаҳангом ба мошинатон рӯбоҳҳо ҳуҷум карданашон мумкин аст. Ва он сабаб дорад. Чунки то ҳол аз 22 нафар ронанда ариза дар ин бобат расидааст. Азбаски «айбдор» то ҳол ёфт нашудааст, парвандаи ҷиноятӣ пӯшида шудааст.

Аз хабарҳо маълум мегардад, ки кормандони полиса ба ҳамин қабил ҷиноятҳо пештар шоҳид гардидаанд. Аз он ҷумла, мушу калламушҳо ба мошинҳои дар истгоҳҳо нигоҳдоранда, «ҳуҷум» оварда, симҳои барқии онҳоро буррида партофтаанд. Вале кормандони полиса ба «ҷиноят»-и рӯбоҳҳо бори аввал рӯ ба рӯ мегарданд.

## Обро эҳтиёт кунед!

Дар солҳои башумур аҳли сайёраамон ба як муаммои ҷиддӣ-камчинии об рӯ ба рӯ шуданаш мумкин аст ва аз ин рӯ мебояд обро эҳтиёт намуд. Алҳол дар саҳифаҳои воситаҳои ахбори оммавии мамлакатҳои тамоми қитъаҳо таҳти ҳамин сарлавҳаву мазмун тез-тез мақолаҳо, нигоришҳо, мусоҳибаҳо рӯи чопро мебинанд.

Аз он ҷумла, кормандони пажӯҳишгоҳи озуқаворӣи Вашингтон аз паи муаммои мазкур гардида, талаб мекунанд, ки роҳбарияти давлатҳо дар ин бобат тадбири сахтро андешиданашон лозим. Набошад, инсоният бо боз як муаммои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардиданаш муқаррар аст.

Агар вазъи ҳозираи рушди аҳолӣ тағйир наёбад, дар он сурат талаб ба об соли 2005 нисбати соли 1995 якуним баробар афзуданаш мумкин аст. Ҳамон вақт бар асари камчинии об 130 миллион тонна озуқаворӣ кам тайёр шуданаш мумкин аст, ки муаммои навбатӣ мегардад.

Ба гуфти назоратчиён аз ин офат бештар мамлакатҳое зарар мебинанд, ки акнун ба роҳи тараққиёт баромадаанд. Аз рӯи тахминҳо баробари афзудани талаб нисбати об соли 2010 дар ҳудудҳои шимолии Чину Ҳиндустон, қисмҳои ғарбиву шарқии Африқо обҳои зеризаминӣ ҳам барои қонеъ гардондани талаб намерасанд. Дар ин бобат фоҷиаи хушкшавии Арал барои ҳамагон сабақ гардиданаш лозим аст.

Ба фикри мутахассисон барои пешгирӣ кардани чунин вазъият тадбирҳои оҷилӣ андешидан шарт.

## Робот—бачаи панҷсола

Роботи аз ҳама хурдтарин дар Ҷопон офарида шуд. Вай ба худ «ИФ-тян» ном гирифта, баъзан аз шарму ҳаё рангаш сурх мегардад. Робот ҳамагӣ 40 санттиметр қад дошта, зоҳиран ба кас либоси кайҳоннавардонро ба хотир меоварад. Ба фикри офарандагони он роботи мазкур баробари баҳра бардоштан аз «майнаи сар» чун кӯдаки панҷсола ҳарф зада метавонад.

## Тақвими умумиҷаҳонӣ

Тақвими Григорий дар ҳудуди мамлакати мо 1 феврали соли 1918 ҷорӣ гардидааст ва фарҳияти рӯзҳои он аз тақвими пештараи Юлий 13 рӯз мебошад.

Аниқии тақвими Григорийро касе инкор намекунад. Вале он низ аз камбудиҳо орӣ нест. Масалан, давомияти рӯзҳо дар моҳҳо мухталиф буда, 28, 29, 30 ва 31 рӯзро ташкил медиҳад. Давомияти моҳҳо мухталиф буда, сари сол бо ягон ҳодисаи табиат узван пайваст намебошад. Рӯзҳои фаслҳои сол аз 90 то 92 рӯз иборатанд. Нимаи якуми сол аз дуюмаш дар давоми соли оддӣ ду рӯз кам буда, рӯзҳои ҳафта бо ягон рӯзи аниқ нест. Дар моҳҳои мухталиф рӯзҳои корӣ ҳам гуногун аст. Баъзан ба муносибати идҳо рӯзҳои корӣ иваз карда мешаванд.

Ба ҳамин муносибат тағйир додани тақвими Григорий алҳол мавзӯи умда гардидааст. Масъалаи мазкур бори аввал ҳини инқилоби Фаронса дар садаи XYIII ба миён гузошта шуда буд. Аз ҳамон вақт боз чандин маротиба аз тарафи мамлакатҳои мухталиф ин масъала чандин маротиба гаштаву баргашта ба миён гузошта мешавад. Мақсад аз он таҳия намудани тақвими нав аст, ки ба талаби тамоми аҳолии мамлакатҳо як хел ҷавобгӯ бошад. То ҳоли ҳозир чандин лоиҳаи тақвими нав дар маҷлисҳои СММ мавриди баррасӣ қарор гирифтанду вале натиҷаи мушаххас ба даст намеояд. Якеи он соли 1954 дар маҷлиси Шӯрои масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ мавриди муҳокима қарор гирифта, ба худ тақвими умумиҷаҳониро гирифта буд. Мувофиқи он ҳар семоҳа 91 рӯз муқаррар гардида, моҳи аввали семоҳа 31 рӯз номбар гардидааст. Боқимонда моҳҳо 30 рӯзӣ баён гардидаанд. Рӯзи аввли соли дилхоҳ ба рӯзи якшанбе рост меояд. Семоҳаҳо ҳам аз рӯзи якшанбе оғоз ёфта, бо рӯзи шанбе анҷом меёбанд. Ҳар семоҳа аз 13 ҳафта иборат мегардад.

Вале он низ як қатор носаҳеҳиҳо дорад ва аз ин рӯ ҳанӯз пурра ҳамчун асос қабул нагардидааст.

## Ба ҷои бензин шакар

Олимони Донишгоҳи иёлоти Висконсини Амрико ба мақсади ба вуҷуд овардани водород технологияеро ба вуҷуд оварданд, ки дар он манбаи асосӣ шакар ба ҳисоб меравад. Водород, ки ҷузъи муҳими сӯзишворӣ мебошад, аз глюкоза ҳосил гардидааст ва ин корро олимон таҳти сарпарастии Ҷеймс Думеоич ба иҷро расондаанд. Онҳо аз рустаниҳои ба дараҷаи 2000 гармӣ ва фишори баланд глюкозаро аз катализатори махсус гузаронданд. Оқибат глюкоза ба водород, углерод ва метан тақсим шудааст. Ба фикри олимон тавассути технологияи мазкур дигар пасмондаҳои рустаниҳоро ҳам аз нав кор кардан мумкин аст.

Баъзе ширкатҳо ба ин технология марок зоҳир карданд ва агар самараи хуб бахшад, дар он сурат дар кӯчаҳо воситаҳои техникие ҳам пайдо шуданаш мумкин аст, ки бо оби ширин ба харакат медароянд.

Азбаски як қатор ширкатҳои автомобилсозӣ ба он марок зоҳир кардаанд, шояд аввалин автомобилҳое пайдо шаванд, ки тавассути водороди аз шакар ҳосилшаванда кор кунанд.

## Барои фиреб дар маҳбасхона

Дар Амрико дар соҳаи хизматрасонӣ се мафҳум—олеминг, креминг, провайдинг маълуму машҳур аст. Якумӣ—маънои бе розигии истеъмолгар ба дигар ширкати телефон гузарондани мизоҷ, дуюми маънои ситондани ҷарима барои то ба охир нарасондани хизмат ва сеюмӣ маънои таъминотро дораду он бештар ба Интернет алоқаманд аст.

Дар Амрико чор гурӯҳи истеъмолгарон мебошад, ки бештар ба таваккалкорӣ мансуб дониста мешаванд. Онҳо куҳансолон, бачагон, соҳибхоназанҳо ва фермеронанд. Бештар маҳз онҳоро фиреб медиҳанд.

Вале ҳуқуқи онҳоро судҳо хуб ҳифз мекунанд ва айбдорон ба тезӣ ҷазо мегиранд.

Прокуратура дар бобати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон корҳои зиёдеро ба иҷро мерасонад. Масалан, дар иёлоти Айова дар назди Прокуратура шӯъбаи махсуси ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон фаъолият пеш мебарад, ки 18 нафар коркун, аз он ҷумла 5 ҳуқуқшинос, 5 муфаттиш ва як нафар бо маърифати истеъмолгарон шуғл меварзад. Ҳамчунин ёварони ихтиёрон ҳам ҳастанд. Ва онҳо бештар нафақахӯрон ва донишҷӯён мебошанд, ки аз соҳаи ҳуқуқ бархурдоранду бештар шикояти тавассути телефон додаи мизоҷонро месанҷанд. Соли гузашта Додситони ҳамин иёлот 5 ҳазор шикоятро баррасӣ карда, чора дидааст. Дар иёлоти Орегон бошад, 14 ҳазор шикоят баррасӣ гардида, ба фоидаи мизоҷон 8 миллион доллар ситонда шудааст. Кормандони прокуратура ҳуқуқҳои калонро моликанд. Онҳо ҷаримаи калон муқаррар мекунанд. Масалан, дар Орегон ҷарима 25, дар Айова 40 ҳазор доллар муқаррар шудааст. Агар синну соли шикояткунанда аз 65 зиёд бошад, миқдори ҷарима бо 100 ҳазор доллар муқаррар карда мешавад. Прокуратура кори худро тавассути судҳо ба рӯи об мебарорад. Вале бештар амалияи то судӣ самараи хуби худро мебахшад. Ҳамин тавр дар Амрико барои фиреб додани мизоҷон ба маҳбас афтодан ҳам мумкин аст.

# Ҳунарманди сухан

Соли 1969. Шоири шаҳири тоҷик Мӯъмин Қаноат достони «Суруши Сталинград»-ро офарида буд. Ин достон зуд вирди забонҳо гашт. Он солҳо Адҳами ҷавон, ки дар дил орзуи шеърхонӣ ва шеъргӯӣ дошт, ин достонро саропо аз бар карда, дар танҳоиҳо бо овози баланд қироат менамуд. Боре шунид, ки дар театри академӣ драмавии ба номи Лоҳутии шаҳри Душанбе «Маҳфили зарифон» баргузор мегаштаасту сарвари он шоир Мӯъмин Қаноат будааст. Дар ин маҳфил ҳар нафаре метавонист шеър хонад. Дили ӯ дар такопӯ буд. Ниҳоят дар маҳфил ширкат варзид ва чун навбат ба ӯ расид достони болоиро бо тамоми маҳорат қироат кард. «Чӣ хел хонд» дар ёд надошт он лаҳзаҳо. Мавҷи кафкӯбиҳо ӯро ба худ овард. Шиносҳо дасти ӯро мефушурданд.. Аъзои жюрӣ ба маҳорати Адҳам баҳои сазоваор доданд. Шодравон ҳунарманди варзида Маҳмудҷон, ки дар ин маҳфил иштирок дошт, ба санъати ӯ баҳои муносиб дод ва ӯро ба театр даъват намуд.

Аз ин оғоз гашт ҳунари давраоройии Адҳамака. Ӯ акнун дар маҳфилҳо боҷуръат шеър мехонд, давраоройӣ мекард. Зиндагӣ мегузашт. Адҳамака пайваста шеър аз бар мекард, таҷрибаи устодонаш Муҳиддин Шарофиддинов, Аброр Аҳроров, Маҳмудҷон Воҳидовро меомӯхт. Акнун номи ӯ сари забони мардум буд. Дар ноҳияҳои Сариосиёву Деҳнав , агар тӯю маъракае баргузор мегашт, ӯро ҳатман даъват мекарданд. Ҳар боре, ки рӯи саҳна қадам мениҳод, баландгӯякро ба даст гирифта давраро аз назар мегузаронид. Сипас ҷамъомадро шодбошӣ мекард. Шеър мехонд, ба маврид, ба мавқеъ, нишонрас. Суханаш чунон бурровy гиро буд, ки дили касро чун оҳанрабо ба сӯи хеш мехонд.

Боре бо сарварии собиқ вазири маорифи ҷумҳурӣ Ҷ. Юлдошев як гурӯҳ ходимони илму маориф ба ноҳия меоянд. Баъд аз баҳсу талошҳо ҳамагон дар сари як дастархон менишинанд. Мизбон— Адҳамака Сафаров риштаи суханро ба даст мегиранд.Ӯ аз Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва Навоӣ шеър мегӯяд. Ҳозирин аз санъати ровигии ӯ ба ваҷд омада борҳо кафкӯбиҳо мекунанд. Адабиётшинос ва нависанда Умаралӣ Норматов ба ҳаяҷон омада Адҳамакаро ба оғӯш кашида мегӯяд: «Шеърхонии шумо даврони Ҷомиву Навоиро ба ёд меорад».

- Дар як тӯи бошукӯҳе, - қисса мекунад Адҳамака, — сарвари давра будам. Дар ин тӯй ҳунарпешагон Ёқуб Аҳмедов, Эркин Комилов, Беҳзод Муҳаммадкаримов иштирок мекарданд. Навбати суханро ба Беҳзод Муҳаммадкаримов додам. Ӯ бо шавқ бо як ҳиссиёти ба ҳунарпешагон хос соҳибтӯйро шодбошӣ намуд ва сипас дасти маро гирифта дар ҳақи банда суханҳои нек гуфт.

— Аз он бозе, ки бо ҳунарпешаи соҳибистеъдод Маҳмудҷон Воҳидов ошно шудам, дар сӯҳбату шабнишиниҳо бо ӯ якҷоя будам ва аз ин як ҷаҳон баҳра мебардоштам, — мегӯяд Адҳамака. — Маҳмуд Воҳидовро устоди маънавии худ мехонад.

Адҳам Сафаров соли 1952 дар кӯҳистони дурдасти Ҳурватан дида ба дунё кушод. Аз бачагӣ дидадаро буду зуд ба дидаҳо ҷой мегирифт. Дар мактаб нисбати ҳамсолон фарқ мекард. Ҳар чизе ки устодон мегуфтанд, дар хотир нигоҳ медошт. Хонишаш аъло буд. Устодон ӯро дӯст медоштанд. Хусусан, Ҳикмат Мирзоев ӯро фарзандвор дӯст медошт. Аз осори шоирони классикӣ шеърҳо аз бар мекард. Устодаш Ҳикмат Мирзоев аз ин меболид, ки шогирдаш Адҳами ҷавон хотираи мустаҳкам , овози хуш, салобати бовиқор дорад. Ҳар бор шеъри фармудаашро дубораву себора мепурсид аз ӯ. Аз қироати шогирд устод завқ мебурд. Гоҳҳо гиря мекард. Чаро? Худи ӯ намедонист...

Ба донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон ҳуҷҷат супорид. Ту аз ҷумҳурии дигар,— гӯён ӯро қабул накарданд, дар ин донишгоҳ. Дилшикаста нашуд. Адҳами ҷавон ба факултаи физика ва математикаи донишгоҳи омӯзгорӣ дохил гашт. Толибилми ғоибхон буд ӯ. Дар деҳаи Хонҷиза ба кор шурӯъ кард. Зуд-зуд ба шаҳри Душанбе омада дар маҳфилу сӯҳбатҳои шоирону ҳунарпешагон иштирок мекард. Ҳамон солҳо, асосан фаъолияти ӯ дар ҷодаи омӯзиши илму дониш ва ровигӣ оғоз гашта буд. Ӯ пайваста шеърҳои классиконро гаштаву баргашта аз бар мекард, маънии онҳоро аз устодон мепурсид, ҷӯянда буд. Ҳамроҳи одамон дар такопӯи зиндагӣ буд.

Яке аз хусусиятҳои баргузидаи ҳунари Адҳамака дар он аст, ки ӯ ҳар нуктаву суханро дониста ва дар айни замон нишонрас ба сомеъон мерасонад. Ӯ ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ вақт суханро бемаврид, ноҷо ба забон намеоварад.

Адҳамака устодонашро эҳтиром мекунад. Муҳиддин Шарофиддинов, Валиҷон Алматов, шодравон Ҳамроқул Саидовро дар ҳар маврид ба некӣ ёд мекунад.

— Бе устод касе ба ҷое нарасидааст,— мегӯяд Адҳам Сафаров. Ва ин байтро бурровy гиро қироат мекунад.

**Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,**
**Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд,**

Адҳамака Сафаров омӯзгори шоиста, нотиқи ширинсухан имсол ба синни муборaки 50— қадам мегузорад. Бигузор солиёни дароз сиҳҳату саломат бошад ва ҳамеша аз забонаш шеър борад, шеъри ноб шеъри ҷаззоб...

**Нуралии Раҷаб,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**



# Саҳифаҳои дурахшон

Соҳаи варзиши ҷумҳурият дар китоби таърихи мамлакатамон саҳифаҳои нав ба нави дурахшонро дар солҳои истиқлолият боз намуд. Ба он танҳо комёбиҳои калони муштзанҳои ӯзбекистониро мисол карда нишон додан мумкин аст. Онҳо дар бадали ёздаҳ соли истиқлолияти ҷумҳуриятамон дастовардҳоеро таъмин карданд, ки аз тӯли арзи ҳасти салтанати пештара даҳҳо маротиба зиёдтару баландтар аст. Даҳҳо муштзанҳоямон соҳиби унвонҳои қаҳрамонҳои Осиё, ҷаҳон ва бозиҳои олимпӣ гардиданд, ки ба он натиҷаҳои баланди Руслан Чагаев, Муҳаммадқодир Абдуллоев, Рустам Саидов, Сергей Михайлов, Ӯткирбек Ҳайдаров барин муштзанони номдорро мисол карда нишон додан мумкин аст. Маҳз ба туфайли натиҷаҳои баланди варзишгаронамон, аз он ҷумла муштзанҳои Ӯзбекистон дар саросари ҷаҳон эътибори калон пайдо кард, ба он ҳамчун мамлакати ояндаaш бузургу дурахшон назар меафкандагӣ шуданд.

Агар ба натиҷаҳои муштзанҳоямон дар соли сипаришудаи 2002 назар афканем, ба комёбиҳои калон муваффақ гардидани онҳоро бараъло ҳис мекунем. Чунки он нисбати соли 2001 чанд қадам дилпуронатар гардид ва онро ҷамъбасти мусобиқоти Ӯзбекистон аз рӯи бокс дар соли 2002 ҳам низ нишон медиҳад. Зеро дар он асосан ҷавонони қобилиятноку ояндадор ба майдон дар Маҷмӯи варзишии «Ҷар»-и Тошканд баромада, аз номдорони соҳа аз ҷиҳати маҳорат он қадар мондани надоштани худро намоиш доданд.



Рафти мусобиқа нишон дод, ки дар мо ҷавонони соҳибистеъдод ба камол мерасанду онҳо дар ояндаи наздик дар арсаи байналхалқӣ ҳунари худро намоиш дода, ба Ӯзбекистон шадда-шадда медалҳоро меоваранду ба шӯҳрати бемисли мамлакат шӯҳрати нав зам менамоянд.

Дар рафти мусобиқа бисёрии онҳо ба боварии мухлисон сазовор гардиданд. Ғолибон ба ғайр аз медалҳо соҳиби мукофотҳои сершуморе ҳам гардиданд, ки аз тарафи васоятгарон ҳозир гардида буд.

**Дар суратҳо: 1.** Лаҳзае аз рафти мусобиқа. **2.** Мукофотонидани ғолибон.

**Аксбардор: Алишер РИЗҚИЕВ. (ӮзА).**

# Гулшани камолот

Чингелдӣ як вақтҳо макони қамишу ботлоқзор ва аз заминҳои бекорхобидаи партов иборат буд. Имрӯзҳо ин мавзеъро шинохтан амрест муҳол. Биноҳои замонавӣ, таъиноти фарҳангиву маишӣ ва корхонаҳои калонтарини истеҳсолӣ ба ҳусни он ҳусн зам мекунанд. На танҳо обод, балки аз ҷиҳати вазъи иҷтимоӣ ба шаҳр ҳам баробар гардидааст. Ва он ба шарофати истиқлолияти ҷумҳуриятамон мебошад ва макони як вақтҳо биёбон алҳол ба гулшани зебое мубаддал ёфтааст. Ва ин мавзеъ алҳол шаҳрчаи «Геофизика» ном гирифтааст.

Маҳз дар ҳамин шаҳрча мувофиқи қарори ҳукуматамон коллеҷи касбу ҳунари таъиноти маишӣ созмон дода шудааст. Ҳудуди он доманадор буда, барои авлоди наврас кулли шароит барои таҳсилу истироҳат ва фароғат фароҳам оварда шудааст. Онҳо ва омӯзгорони коллеҷ таҳти сарпарастии Алимбек Сотиболдиев дар бобати ба рӯи об баровардани нуктаҳои Қонун «Дар бораи таълим» ва Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо, тайёр кардани мутахассисони баландмалака саҳми муносиби худро мегузоранд. Корҳои таълиму тарбия дар асоси талаби давру айём ба роҳ монда шудааст. Устоёни созкунандаи радиову телевизор, сартарош, кормандони савдо, муҳосиб, иқтисоддон, ҳуқуқшинос, инспекторони кинология барин мутахассисон дар ин ҷо тайёр карда мешаванд. Муҳассилин донишҳои назариявии худро дар кабинетҳои фаннӣ, лабораторияҳо, шӯъбаҳои истеҳсолӣ дар амал санҷида мебинанд. Баробари ин васоятгарон корхонаҳои «Лорена-дон», «Мадиз», «Имкон плюс» дар бобати гузарондани машғулиятҳои амалӣ ба омӯзгорону муҳассилин аз наздик кӯмак мерасонанд.

**Лавҳа**

Дар коллеҷ Хонаи «Маънавият ва маърифат» ҳаст, ки онро оинаи истиқлол номидан мумкин аст. Он бо ташаббуси омӯзгори ташкилотчӣ Р.Иброҳимова созмон ёфта, ҳаёти серҷанбаву самараи истиқлолиятро дар худ акс кунондааст. Дар ин ҷо баробари муоина кардани стендҳо роҳи таърихии нурафшони истиқлолиятамонро ҳаматарафа ва возеҳу равшан фаҳмида мегиред. Устозон бо муҳассилин дар мавзӯъҳои мухталиф сӯҳбату вохӯриҳо мегузаронанд, маърӯзаҳо мешунаванд, шабнишиниҳои мухталифи илмӣ ба амал меоянд. Алалхусус дар боби Қонуни Асосии мамлакатамон ин гуна сӯҳбату вохӯриҳо бештар мегузаранд. Дар ин ҷо 490 нафар муҳассилин бо сирру асрори касбу ҳунар ва донишҳои замонавӣ ошно мегарданд, ки намояндагони беш аз 30 миллат ҳастанд. Онҳоро дӯстиву рафоқат, якдилӣ муттаҳид сохтааст ва аз ин рӯ ба фаъолияти омӯзгорону муҳассилин мудом баҳои баланд медиҳанд. Минҷумла, меҳмонони қазоқистонӣ дар ин ҷо меҳмон гардида, бо таҷрибаи кормандони коллеҷ ошно гардида, махсусан аз комёбиҳои Гулшарат Ҷумъабоева, Нурсулув Канназарова, Элёр Атоев хеле мамнун гаштани худро изҳор намудаанд.

56 нафар омӯзгору мураббиён ҷараёни таълиму тарбияро дар асоси талабҳои Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо ба роҳ мондаанд. Махсусан хизматҳои омӯзгори кимё А.Канназаров, омӯзгори фанни информатика А.Султонбекова, омӯзгори фанни забону адабиёти рус С.Калдибоева калон аст. Онҳо ҳар як машғулияти худро ҷоннок, таъсирбахш, бо кӯмаки асбобоҳои аёнӣ мегузаронанд ва аз ин рӯ дараҷаи ҳазмкунии дарсҳо хеле баланд мебошад.

Машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳам хуб ба роҳ монда шудаанд. Маҳфилҳои мухталиф таҳти унвонҳои «Ситораҳои Тӯрон», «Компутерчии ҷавон», «Иқтисодчиён», «Адабиёт-санъати сухан», «Кимёгарони ҷавон», «Забони ингилисиро меомӯзем» амал карда, қисми зиёди муҳассилинро ба худ ҷалб сохтаанд.

Авлоди наврас бояд ҳам маънан ва ҳам ҷисмонан бақувват ба камол расанд. Инро ҷамоаи коллеҷ хуб дарк карда, барои гузарондани мусобиқаҳои сершумори варзишӣ, ба намудҳои аз ҳама оммавии варзиш ҷалб сохтани муҳассилин диққату эътиборро пурзӯр гардондааст. Дар байни синфҳо, ҳатто гурӯҳҳо ҳар гуна мусобиқаҳои шавқовар мегузаранд.

Барои аз ҷиҳати маданӣ фароғат бардоштани муҳассилин ҳам диққату эътибор рӯз то рӯз баланд мегардад. Ба ҳамин мақсад дар клуби коллеҷ вохӯриҳо бо устодони санъату адабиёт мегузаранд. Иштирокдорони дастаи ҳаваскорони санъат ҳунари худро намоиш медиҳанд.

Агар биноҳои коллеҷ ва иншоотҳои ёрирасони онро муоина кунед, гувоҳ ба ҳар гуна суратҳо, аксҳо, плакатҳо ва навиштаҷоте мегардед, ки аз гавҳари сухан сатрҳои пурқисмат иборатанд. Боғу гулзор ба кас кайфияти тамоман дигар мебахшад. Ва онҳоро муоина карда, худро дар гулшане тасаввур мекунед. Дар ин ҷо бо кӯмаки устозон шогирдон қуллаҳои нав ба нави илмро фатҳ мекунанду дар оянда ҳамчун мутахассисони баландмалака барои рушди мамлакатамон хизмат мерасонанд ва онҳо хатман аз дил мегузаронанд, ки дар гулшане ба камол расидаанд, ки ба худ номи коллеҷи касбу ҳунари таъиноти маишии ноҳияи Қибрайро гирифтааст.

**Рӯзимат ДАМИНОВ,**
**Омӯзгори шоистаи Ӯзбекистон, паёмнигор.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*
***Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 39***
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк:
Ҳ/С 20212000800101767001,
МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **М. ОТАХОНОВ.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М.
ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. ТӮХТАЕВА.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83;
шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.